## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода дар мавзуи «Бунёди иншоотҳои азим дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ). – Душанбе, 2026. – 178 с.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар байни публитсистони муосири тоҷик Шералӣ Мӯсо ҳамчун нависанда ва рӯзноманигоре шинохта мешавад, ки фаъолияти эҷодии худро бо инъикоси воқеияти даврони истиқлол, махсусан раванди сохтмони иншоотҳои азими кишвар пайвастааст. Диссертатсияи Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода, ки ба омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии публитсистикаи Шералӣ Мӯсо бахшида шудааст, аз ҷумлаи таҳқиқоти мубрами илмӣ маҳсуб ёфта, ба масъалаи муҳими рӯзноманигорӣ ва публитсистикаи тоҷик нигаронида шудааст. Интихоби мавзуъ бо талаботи рушди илми журналистика ва зарурати омӯзиши таҷрибаи эҷодии публитсистони даврони истиқлол комилан мутобиқ мебошад ва аз **аҳаммияти вижаи илмӣ** бархурдор аст.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Дар кор масъалаҳои назария ва амалияи публитсистика, хусусиятҳои жанрӣ ва услубии осори публитсистӣ, таҷассуми воқеияти иҷтимоӣ дар матбуот ва маҳорати эҷодии публитсистро дар бар мегирад. Бинобар ин, мавзуи диссертатсия ба талаботи шиносномаи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) ҷавобгӯ буда, муҳтавои таҳқиқ пурра дар доираи ихтисоси интихобшуда қарор дорад ва ба шиносномаи ихтисоси илмӣ мувофиқат мекунад.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он аст, ки муаллиф бори аввал фаъолияти публитсистии Шералӣ Мӯсоро дар иртибот ба инъикоси сохтмони иншоотҳои бузурги мамлакат мавриди таҳқиқи комплексӣ қарор дода, хусусиятҳои инъикоси сохтмони роҳҳо, нақбҳо, неругоҳи барқи обии «Роғун» ва дигар иншооти муҳими миллиро муайян ва нақши онҳоро дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ арзёбӣ кардааст.

Юсуфӣ Ифтихор **нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро** дар 4 банд пешниҳод намудааст, ки муҳтавои умумии корро фаро гирифта, бо дарназардошти шинохти публитситикаи муосир аз аҳаммияти махсус бархурдоранд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳои таҳқиқ бо истифода аз усулҳои таърихӣ, муқоисавӣ, таҳлили мундариҷавӣ, таҳлили муҳтаво, усулҳои адабиёт ва публитсистикашиносӣ ба даст омадаанд. Муаллиф аз

доираи васеи сарчашмаҳои илмӣ, осори публитсистию бадеии Шералӣ Мӯсо, маводди матбуоти даврӣ ва таҳқиқоти муҳаққиқони ватанию хориҷӣ истифода бурдааст, ки ин боиси эътимоднокии натиҷаҳои илмии рисола гардидааст.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи тақризшаванда аз муқаддима, 3 боб, 6 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт таркиб ёфта, ҳаҷми умумии он аз 178 саҳифаи чопи компютерӣ иборат мебошад. Бобу фаслҳо дар алоқамандии мантиқӣ қарор дошта, якдигарро пурра мекунанд.

**Муқаддимаи** таҳқиқ тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, Тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ тахия ва пешниҳод шудааст.

Дар боби якуми диссертатсия довталаб ба баррасии **«Ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Шералӣ Мӯсо дар контексти ҳаёти сиёсиву иҷтимоии замон»** мепардозад, ки аз лиҳози сохтор ва муҳтаво заминаи назариявии таҳқиқро ташкил медиҳад. Муаллиф дар ин боб бо истифода аз усули таҳлили таърихиву руҷуъҳои ҳаётӣ кушиш намудааст, ки омилҳои ташаккули ҷаҳонбинӣ ва маҳорати эҷодии нависандаро дар иртибот бо воқеияти иҷтимоӣ нишон диҳад.

Дар **фасли аввали ин боб** муҳаққиқ таъсири муҳити оилавӣ, муассисаҳои таълимӣ, фаъолияти касбӣ ва фазои адабии замонро ба ташаккули шахсияти эҷодии Шералӣ Мӯсо мавриди омӯзиш қарор додааст. Ӯ бо истинод ба маводди бойгониҳо, мусоҳибаҳо, хотираҳо ва осори худи нависанда исбот менамояд, ки ташаккули ҷаҳонбинии ӯ натиҷаи таъсири маҷмуи омилҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва касбӣ мебошад. Ҷудо намудани марҳилаҳои фаъолияти эҷодии адиб ба давраи шуравӣ ва соҳибистиқлолӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, барои муайян намудани тағйироти мавзуиву ғоявӣ дар осори ӯ аҳаммияти назариявӣ дорад.

**Фасли дуюми боб «Таснифи самтҳои асосии фаъолияти эҷодии адиб»** унвон гирифта, ба таснифи самтҳои фаъолияти эҷодии Шералӣ Мӯсо бахшида шудааст. Диссертант фаъолияти ӯро ҳамчун рӯзноманигор, публитсист, нависанда ва ҳаҷвнигор мавриди баррасӣ қарор дода, барои ҳар як самт далелҳои илмӣ пешниҳод мекунад. Муаллиф нишон медиҳад, ки таҷрибаи чандинсолаи рӯзноманигорӣ дар ташаккули маҳорати публитсистии адиб нақши калидӣ доштааст.

Ҷиҳати мусбати боби аввал дар он аст, ки он танҳо ба баёни зиндагиномаи нависанда маҳдуд нашуда, ҳаёт ва фаъолияти эҷодии ӯро дар заминаи воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ арзёбӣ менамояд. Ин равиш имкон

додааст, ки заминаҳои ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ, ҷаҳонбинӣ ва маҳорати публитсистии Шералӣ Мӯсо ба таври мантиқӣ шарҳ дода шаванд. Аз ин нигоҳ, боби аввал барои дарки мазмун ва натиҷаҳои таҳқиқоти минбаъдаи диссертатсия аҳаммияти муҳим дорад.

Агар дар боби аввал диссертант ба паҳлуи назариявии мавзуъ аҳаммият диҳад, ин муносбат дар боби дуюм амалӣ-таҳлилӣ аст. **Боби дуюми диссертатсия** таҳти унвони **«Хусусияти мундариҷавии осори публитсистии Шералӣ Мӯсо доир ба сохтмонҳои азим»** меҳвари асосии таҳқиқро ташкил намуда, дар он масъалаи таҷассуми корҳои созандагии даврони соҳибистиқлолӣ дар осори публитсистии адиб мавриди таҳлили амиқи илмӣ қарор гирифтааст. Муаллиф дар ин боб на танҳо мазмуну муҳтавои осорро мавриди омӯзиш қарор медиҳад, балки мекӯшад, ки ҷойгоҳи онҳоро дар рушди публитсистикаи муосири тоҷик ва фазои иттилоотӣ муайян намояд.

Яке аз хусусиятҳои муҳими ин боб дар он аст, ки таҳқиқот танҳо ба тавсифи осори мавриди назар маҳдуд нашуда, масъалаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии даврони истиқлолро ҳамчун заминаи пайдоиши ин асарҳо арзёбӣ гардидааст. Чунин равиш аз мавҷудияти муносибати илмии муаллиф ба масъала шаҳодат медиҳад.

**Дар фасли аввали** боби мазкур диссертант масъалаи таҷассуми сохтмони роҳу нақбҳоро ҳамчун яке аз самтҳои асосии фаъолияти публитсистии Шералӣ Мӯсо мавриди омӯзиш қарор додааст. Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ба яке аз ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон мубаддал гардида, сохтмони роҳҳо, нақбҳо ва пулҳо аҳаммияти вижаи иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ пайдо намуд (Диссертатсия, с. 59).

Дар асоси таҳлили асарҳои «Мардистон», «Роҳи биҳишт» ва дигар очерку лавҳаҳо диссертант нишон медиҳад, ки Шералӣ Мӯсо раванди сохтмонҳоро ҳамчун шоҳиди воқеа инъикос намудааст. Иштироки мустақими адиб дар ҷараёни корҳои сохтмонӣ, мулоқот бо роҳсозон, муҳандисон ва нақбканон ба асарҳои ӯ хусусияти ҳуҷҷатнокӣ бахшидааст.

Муаллифи диссертатсия дуруст ба хулоса меояд, ки дар осори Шералӣ Мӯсо меҳвари асосии тасвир на худи иншоот, балки инсон аст. Қаҳрамонони асарҳо намояндагони касбу кори гуногун, аз ҷумла муҳандисон, нақбканон, сохтмончиён ва дигар соҳибкасбоне мебошанд, ки бо меҳнати содиқона дар татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат саҳм мегузоранд. Маҳз тавассути чунин образҳо нависанда ғояҳои ватандӯстӣ, масъулиятшиносӣ, садоқат ба меҳнат ва эҳсоси ифтихори миллиро ифода менамояд.

**Фасли дуюми** боби мазкур **«Мавзуи сохтмони неругоҳҳои барқи обӣ»** унвон дошта, таваҷҷуҳи довталаби дараҷаи илмӣ ба масъалаи таҷассуми сохтмони Неругоҳи барқи обии «Роғун» равона гардидааст. Диссертант бо таҳлили асарҳои марбут ба ин мавзӯъ нишон медиҳад, ки нависанда Роғунро на танҳо ҳамчун иншооти муҳандисӣ, балки ҳамчун рамзи истиқлол, худшиносии миллӣ ва ояндаи давлатдорӣ тасвир намудааст.

Дар ҷараёни таҳлил ба вижагиҳои услуби нигориши нависанда низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардидааст. Диссертант нишон медиҳад, ки истифодаи забони сода ва оммафаҳм, корбурди унсурҳои гуфтугӯӣ, тавсифи саҳнаҳои воқеӣ ва муносибати эҳсосии муаллиф ба воқеаҳо аз ҷумлаи омилҳое мебошанд, ки таъсирнокии осори публитсистии Шералӣ Мӯсоро бештар месозанд.

Дар маҷмуъ, боби дуюми диссертатсия аз ҷиҳати масъалагузорӣ, усули таҳқиқ, таҳлили сарчашмаҳо ва хулосабарорӣ яке аз қисматҳои пурмуҳтавои рисола маҳсуб ёфта, саҳми муҳаққиқро дар омӯзиши публитсистикаи Шералӣ Мӯсо ва масъалаҳои инъикоси раванди бунёдкориҳои даврони соҳибистиқлолӣ нишон медиҳад.

**Боби сеюми диссертатсия** таҳти унвони **«Таносуби воқеият ва бадеият дар асарҳои Шералӣ Мӯсо»** қисми ҷамъбасткунандаи таҳқиқ буда, дар он муаллиф масъалаҳои назариявӣ ва амалии робитаи публитсистика ва адабиёти бадеиро дар асоси осори Шералӣ Мӯсо мавриди омӯзиши амиқ қарор додааст.

Аз ҷумла дар **фасли якум,** ки **«Ҷанбаҳои публитсистии осори бадеии адиб»** унвон дорад, ин масъала бо такя ба андешаҳои назариявии муҳаққиқони соҳаи журналистика ва адабиётшиносӣ мавриди барраси қарор гирифтааст. Диссертант собит менамояд, ки публитсистика дар эҷодиёти Шералӣ Мӯсо танҳо дар шакли жанрҳои анъанавӣ маҳдуд намешавад, балки ҳамчун унсури муҳими тафаккури эҷодӣ дар асарҳои бадеии ӯ низ таҷассум ёфтааст.

Дар ҷараёни таҳлил диссертант нишон медиҳад, ки воқеияти иҷтимоӣ дар осори адиб танҳо ҳамчун маводди тасвир истифода намешавад. Он ба воситаи муносибати шаҳрвандӣ, ҷаҳонбинии муаллиф ва арзёбии публитсистӣ мазмуни нави иҷтимоӣ пайдо мекунад.

Ҷиҳати муҳими дигари фасл муайян намудани нақши муаллиф дар баёни воқеаҳои асарҳо мебошад. Диссертант дуруст нишон медиҳад, ки дар осори Шералӣ Мӯсо мавқеи шаҳрвандии нависанда ба таври равшан эҳсос мешавад. Муаллиф ба воқеаҳо бетараф нест, балки бо андеша, арзёбӣ ва муносибати худ ба хонанда таъсир мерасонад. Ин хусусият яке аз нишонаҳои

муҳими публитсистика маҳсуб ёфта, арзиши иҷтимоии асарҳоро баландтар мебардорад.

Дар **фасли дуюми** боби мазкур муҳаққиқ ба таҳлили **«Аносири ҳунарӣ ва жанрӣ дар осори марбут ба раванди бунёдкориҳо»** пардохта, собит менамояд, ки нависанда дар инъикоси раванди бунёдкориҳои даврони соҳибистиқлолӣ аз имкониятҳои гуногуни жанрҳои публитсистӣ самаранок истифода кардааст. Аз таҳлили анҷомдода бармеояд, ки дар осори ӯ жанрҳои очерк, лавҳа, мақола ва дигар шаклҳои эҷоди публитсистӣ бо ҳамдигар робитаи қавӣ дошта, дар бисёр маврид хусусиятҳои онҳо ба ҳам омезиш ёфтааст.

Муаллифи диссертатсия ба таври асоснок таъкид мекунад, ки дар асарҳои «Мардистон», «Достони Роғун», «Ҷонам фидои Роғун» хусусиятҳои жанрии очерк ва лавҳа бештар ба назар мерасанд. Ин натиҷа аз таҳлили сохтори асар, тарзи баёни воқеа, истифодаи далелҳои воқеӣ ва муносибати муаллиф ба масъалаҳо бармеояд. Чунин хулоса аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, арзиши назариявии таҳқикро таквият мебахшад.

Ҷиҳати муҳими дигари фасл таҳлили воситаҳои тасвири бадеӣ мебошад. Муаллиф нишон медиҳад, ки Шералӣ Мӯсо дар офаридани манзараҳои меҳнат, тасвири табиат ва сохтмони иншоотҳои бузург аз ташбеҳ, истиора, муболиға, тавсиф, киноя ва дигар санъатҳои суханварӣ васеъ истифода бурдааст.

Диссертант муайян кардааст, ки қаҳрамонони асосии осори Шералӣ Мӯсо намояндагони одии ҷомеа ва аҳли меҳнат: муҳандисон, нақбканон, сохтмончиён, ронандагон ва дигар шахсони касбу кори гуногун мебошанд.. Корномаи ин ашхос хусусияти ҷамъбасткунанда пайдо карда, идеали инсони меҳнатдӯст ва ватандӯстро таҷассум менамояд. Ҷиҳати дигари арзишманди фасл дар он аст, ки муаллифи диссертатсия тавонистааст муносибати байни воқеият ва маҳорати ҳунарии нависандаро муайян намояд. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки арзиши осори Шералӣ Мӯсо танҳо дар ҳуҷҷатнокии онҳо нест, балки маҳз дар тарзи ҳунармандонаи пешниҳоди воқеият ифода меёбад. Ин хулоса яке аз натиҷаҳои муҳими илмии таҳқиқ ба ҳисоб меравад.

**Хулосаи диссертатсия** натиҷагирҳои муҳаққикро дар 14 банд фаро гирифта, овардани истинод ба таълифоти диссертант дурустӣ ва асоснокии ин хулосаҳоро нишон медиҳад.

**Аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ.** Арзиши назариявии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки муаллиф масъалаи таносуби воқеият ва бадеият, муносибати жанрҳои публитсистӣ бо осори бадеӣ ва нақши публитсистика дар инъикоси воқеиятҳои муҳими иҷтимоиро бо далелҳои илмӣ асоснок намудааст. Хулосаҳои пешниҳодшуда метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи

соҳаи журналистика, публитсистикашиносӣ ва адабиётшиносӣ ҳамчун заминаи илмӣ истифода шаванд.

Аз ҷиҳати амалӣ низ диссертатсия аҳаммияти махсус дорад. Натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд ҳангоми таълими фанҳои «Назарияи публитсистика», «Таърихи журналистикаи тоҷик», «Асосҳои эҷоди журналистӣ», «Маҳорати эҷодӣ», «Публитсистика ва адабиёт», инчунин ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, курсҳои махсус ва корҳои илмӣ-тадқиқотӣ мавриди истифода қарор гиранд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ дар шакли мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ интишор ва муаррифӣ гардидаанд. Аз ҷумла, муаллиф 9 мақолаи илмиро дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақолаи дигарро дар маҷмуаҳои илмӣ ба нашр расонидааст. Мазмуни ин интишорот ба муҳтавои диссертатсия мутобиқ буда, натиҷаҳои асосии таҳқиқро инъикос менамоянд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Кор дар асоси Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ таҳия ва пешниҳод гардида, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамоянд. Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди арзиши баланди илмӣ доштани диссертатсия, дар он баъзе эродҳо барои таҳрир ва боз ҳам пурқувват шудани диссертатсия пешниҳод мешаванд:

1. Дар баъзе мавридҳо ҳангоми таҳлили осори публитсистии Шералӣ Мӯсо муаллиф бештар ба тавсифи муҳтавои асарҳо таваҷҷуҳ намуда, ҷанбаҳои назариявии масъала, махсусан ба робитаи хусусиятҳои жанрӣ бо вазифаҳои иҷтимоии публитсистика камтар таваҷҷуҳ шудааст.

2. Дар таҳқиқ аз осори муҳаққиқони ватанӣ васеъ истифода шудааст, вале ҷалби бештари адабиёти илмии хориҷӣ оид ба назарияи муосири публитсистика, жанршиносӣ ва таҳлили дискурс метавонист заминаи назариявии рисоларо боз ҳам мустаҳкамтар гардонад.

3. Дар баъзе бахшҳои боби дуюм ва сеюм иқтибосҳои мустақим аз осори Шералӣ Мӯсо нисбатан зиёд мебошанд. Агар қисме аз онҳо бештар бо таҳлил ва ҷамъбасти илмии худи муҳаққиқ иваз карда мешуданд, мустақилияти илмии таҳқиқ боз ҳам равшантар мегардид.

Зикр кардан бамаврид аст, ки эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши илмӣ, навгонии таҳқиқ, аҳаммияти назариявию амалӣ ва хулосаҳои асосии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

**Хулоса,** диссертатсияи Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода таҳти унвони «Бунёди иншоотҳои азим дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо» таҳқиқоти мустақил, анҷомёфта ва аз ҷиҳати илмӣ арзишманд буда, муҳтавои дисссертатсия ва автореферат, ки бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таҳия гардидаанд бо мақолаҳои интишорнамудаи диссертант мувофиқат дорад. Бо дарназардошти талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, диссертатсияи Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода ба талаботи муқаррargардида ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ, муовини
ректор оид ба корҳои иқтисодӣ ва
иҷтимоии Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи байналмилалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода» Сафарзода Х.Ҳ.
«7» августи соли 2026

Нишонӣ: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кӯчаи Муҳаммадиев, 48, ҳуҷраи 26
Тел.: (+992) 91-821-44-44
E-mail: khursheds@mail.ru

Имзои Сафарзода Х.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода» Юсупова Б.Ғ.

Нишонӣ: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиева, 17/6
Тел.: +992 (37) 232-50-00
E-mail: rectorat.dbzkht.tj@mail.ru
«7» августи соли 2026